Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-35-и
назди Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав»(735140, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ 67)

**Т А Қ Р И З И**

**муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асоснокқунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурати аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани тамоми ҳайати омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба миён гузошта, ҳатмӣ будани истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, методҳои нави таълиму тарбия, донистану татбиқ кардани техникаи компютерӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро дар ҳар як фанну ихтисос тақозо менамояд. Роҳандозии муносибати босалоҳият дар таълим маънои роҷеъ ба маводи омӯзишӣ чиро хондан, чиро донистан ва чиро иҷро карда тавонистани донишҷӯро дорад. Вобаста ба талаботи мазкур донишҷӯ бояд тасаввурот ва иттилооти амиқ дошта бошад.

Зарурати татбиқ ва мубрамияти шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, ки «... вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо чараёни татбиқи низоми

таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имкон медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдатӣ барои як донишҷӯ то 2-3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад. Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки аз соли 2017 таҳсилоти фосилавиро дар донишгоҳу донишкадаҳо ба роҳ монда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои омӯзиши электрониро омода намояд».

Воқеан, мавқеи географии ҷойгиршавии Тоҷикистон, вазъи иҷтимоии аксар ҷавонони кишвар, ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои дигар ва ниҳоят таъсири пандемияи коронавирус COVID-19 дар ду соли охир ба таҳсил ва ҳаёти донишҷӯён дар тамоми ҷаҳон низ тақозо менамояд, ки дар системаи таҳсилоти олии касбии мамлакат низоми таҳсилоти фосилавӣ (формати онлайн) ҷорӣ карда шавад. Ба ин раванд рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки вусъатбахшандаи бозсозии муҳити иттилоотии кишвар мебошад, ба васеъшавии доираи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, ба ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки тайёркунии мутахассисони баландихтисоси донандаи технологияҳои гирдоварӣ ва коркарди миқдори зиёди иттилооти касбӣ ҳидоят менамояд ва талаботи ҷомеаро нисбат ба омӯзиши фосилавӣ (ОФ) боло мебарад, ки ҳамаи ин аз мубрам будани мавзӯи диссертатсионӣ дарак медиҳад.

Маҳз ҳамин омилро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» пешниҳод намуданд, зеро танҳо ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷомеаи бо донишу тафаккури техникӣ мусаллаҳ метавонад алайҳи ҳама гуна буҳронҳо тобовар, рақобатпазир ва муваффақ бошад.

Таъсири илм ба тамоми самтҳои ҳаёти инсон: техника, технология, саноат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, кишоварзӣ, сиёсат, маориф, фарҳанг ва ҷаҳонбинӣ торафт меафзояд. Кашфиёту дастовардҳои илмию техникии олимони муосир ба ҳаёти мо ва умуман, ба тақдири тамаддун нисбат ба корҳои анҷомдодаи донишмандону сиёсатмадорони гузашта таъсири амиқтар гузошта истодаанд. Дар ин гуна шароит танҳо инсони фарҳангӣ ва бомаърифат худро ба сатҳи муосири рушди тамаддун мувофиқ гардонида метавонад.

Тибқи тақозои нави замон донишҷӯ бояд аз дарси аввал истеъдоди дар компютери фардӣ ва шабакаи иттилоотӣ мустақилона кор карданро намоиш дода тавонад. Барои расидан ба ин сатҳ дараҷаи имрӯзаи муҷаҳҳаз будани

аксари синфхонаҳои омӯзишӣ ва кабинетҳои фаннӣ бо техникаи компютерӣ ва нармафзорҳои таълимию методӣ мусоидат менамояд.

Шарҳи тамоюлҳои муосири сиёсати ҷаҳонӣ дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки амалияи кунунии ба таҳсилот ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ хусусияти ҳамгироёна дорад. Ҳамгироии ТИК ба таҳсилот чӣ маъно дорад? Пеш аз ҳама, маънои онро дорад, ки ТИК унсури муҳити таҳсилотӣ гардида, барои фаъолияти таълимӣ «замина» эҷод мекунад, гуногунрангии зиёдро дар муҳити омӯзишӣ ба вуҷуд меорад, раванди таълимро аз синфхонаи алоҳидаи компютерӣ ба омӯзиш дар реҷаи on-line таҳвил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳамгироии ТИК дар таълим – на танҳо ва на то дараҷае амри баррасии ҷанбаҳои техникист, балки роҳи ҳалли масъалаҳои таҳия ва амалисозии технологияҳои педагогии татбиқи ТИК дар таълим мебошад.

Замоне ки ҷараёни таълим бо навсозӣ, ғанигардонӣ ва ҷустуҷӯи эҷодии таҷрибаи омӯзандагон робитаи ногусастанӣ дорад, ҳадафи асосии методи зикршудаи ҳамгироёнаи таълим дар қаринаи таҳсилоти муосир – инкишофи малакаҳои тафаккури эҷодӣ ва қобилиятҳои донишҷӯён ҷиҳати фаъолиятҳои таълимӣ-маърифатӣ ба шумор меравад.

*Дар ибтидои диссертатсия* муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтааст, ки онҳо ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи мавзӯъ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадаф, объект, мавзӯъ, масъалаҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳҳои иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, саҳми шахсӣ, таъйиди диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бахшида шудаанд.

*Боби якуми диссертатсия* ба асосҳои назариявию методологии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими шакли фосилавӣ бахшида шуда, аз 11 қисмат иборат аст. Дар қисматҳои ин боб хусусияти ҳамгироёнаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо системаи маориф, таърихи рушди омӯзиши фосилавӣ ва тамоюлҳои он дар фазои нави таҳсилоти ҷаҳонӣ, омилҳои техникӣ ва технологие, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Тоҷикистон таъсир гузоштаанд, принсипҳои асосии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ, нақши вебсафҳаҳои интернетии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷаҳонишавии шакли таҳсилоти фосилавӣ, типологияи лоиҳаҳои омӯзишӣ дар шакли таҳсилоти фосилавӣ, марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди таҳсилоти фосилавӣ дар низоми маорифи ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доир ба истифодаи шакли таҳсили фосилавӣ, масъалаҳои тақвияти усулҳо ва технологияҳои истифодаи шакли фосилавии таҳсил, хусусиятҳои заминавии технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ дар татбиқи шакли фосилавии таълим ва роҳҳои болобарии самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ матраҳ гаштаанд.

Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар натиҷаи таҷдиди назари тамоми ҷузъу томҳои низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои охир амалӣ гардонида шуда истодааст, ҳамаи равандҳои таҳсилотии кишвар мавриди ислоҳу такмил қарор гирифтааст. Зимни таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, бахусус ҳангоми омӯзиши фанҳои самти илмҳои табиӣ ва гуманитарӣ нисбат ба дарсҳои аудиторӣ ба омӯзиши мустақилонаи толибилмон бо истифода аз компютер бештар таваҷҷуҳ зоҳир гашта истодааст, ки инро яке аз падидаҳои шоистаи замони муосир ва дигаргунии ҷиддӣ дар сиёсати рушди соҳаи маориф шуморидан мумкин аст.

*Боби дуюми диссертатсия* «Шартҳои педагогии татбиқи технологияҳои таълими фосилавӣ дар раванди ташкили кори мустақилонаи мутахассисони салоҳиятнок дар муассисаҳои таҳсилотӣ» ном дошта, аз 4 қисмат – мафҳумҳои асосӣ: монандӣ ва тафовут дар мазмуни мафҳумҳои таҳсили фосилавӣ ва омӯзиши электронӣ, таҳлили умумиилмии назария ва амалияи педагогии ҷорисозии таълими фосилавӣ, хусусиятҳои ташкили кори мустақилонаи мутахассисони салоҳиятнок дар муҳити иттилоотию таҳсилотӣ ва коркарди амсилаи назариявии ташкили кори мустақилонаи мутахассисони салоҳиятнок дар шароити омӯзиши фосилавӣ иборат аст.

Дар боби мазкур аз ҷумла омадааст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон дар замони муосир низ мубрамияти худро аз даст надода, ба афзудани миқдори муассисаҳои таълимие мусоидат карда истодааст, ки онҳо шакли анъанавии таълимро бо технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ пурра гардонидан мехоҳанд. Ин омил аз он ҷиҳат низ муҳим шуморида мешавад, ки аксари ҷавонони имрӯза компютерҳои фардиро озодона ба кор бурда, ҷаҳонро тавассути Интернет кашф мекунанд ва маълумоти заруриро аз шабакаи глобалӣ моҳирона датрас менамоянд.

*Дар боби сеюми диссертатсия,* ки «Методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбии мутахасисони оянда дар шароити истифодаи технологияҳои таҳсили фосилавӣ» ном дорад, масъалаҳои методикаи ташаккулдиҳии салоҳиятҳои касбӣ, накши таълими фосилавӣ дар раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии мутахассисони дорои тахассуси олӣ, омилҳои асосии технологии зимни омӯзиши фосилавӣ татбиқшаванда ва татбиқи методҳои муосири иттилоотии таълими фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Тоҷикистон баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар низоми маориф сохтани амсилаи нави

таълим, ки ба ташаккули робитаи мутақобилаи чандсатҳаи ҳамгироии донишҳои касбии умумиилмӣ асос ёфтааст, бо дарназардошти талаботи муосир ба салоҳиятнокии касбӣ тақозо мегардад. Аз ин рӯ, истифодаи ТТФ дар низоми муосири таҳсилоти муттасил ба донишҷӯён имкон фароҳам меорад, то қобилияти касбии худро такмил дода, малакаҳои махсуси ояндаи худро инкишоф диҳанд.

Хизматрасониҳои таҳсилотии маълумоти касбӣ, ки бояд ҳатман ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ бошанд, ба дастгирии иттилоотӣ ниёз доранд. Самарабахш нагаштани низоми таъминоти иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои мазкур боиси қабули қарори нодуруст ва беэътимод оид ба идоракунии он, гирдоварии яксону такроршавандаи иттилоот мегардад, ки дар натиҷа идоракунӣ самараи чандон матлубро ба бор намеорад.

*Дар боби чоруми диссертатсия* «Ташкили кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар раванди омодасозии мутахассисони ояндаи салоҳиятнок дар низоми омӯзиши фосилавӣ» хусусиятҳои дидактикӣ ва имкониятҳои захиравию унсурии низоми таҳсилоти фосилавии «Moodle» натиҷаҳои таҳлили пурсишномаҳои озмудашудагони курси таълимии такмили ихтисоси омӯзгорон дар асоси технологияҳои омӯзиши фосилавӣ, таҳлили назарсанҷиҳои омӯзгорон ва донишҷӯён вобаста ба самаранокии технологияи коркардшудаи омодасозии мутахассисони салоҳиятнок барои пешбурди фаъолият дар низоми омӯзиши фосилавӣ ва таҳлили динамикаи ташаккули фарҳанги алгоритмии мутахассисони салоҳиятнок дар раванди омӯзиши фосилавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зикр шудааст, ки захираҳо ва унсурҳои НТФ «Moodle» василаҳои (манбаъҳо ва воситаҳои иттилоотию коммуникатсионии) дастгирии омӯзишие мебошанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои мушаххаси таълимӣ пешбинӣ шудаанд. Захираи иттилоотии таълимӣ як воҳиди сохтории курси омӯзишӣ дар НТФ «Moodle» маҳсуб меёбад, ки то истифодабарӣ маъмулан ғайрифаъол аст.

*Ҳадафи таҳқиқот* – асосноккунии назариявию методӣ ва коркарду тасвиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омӯзиши фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар шароити амалишавии муносибати босалоҳият дар таълим.

*Объекти таҳқиқот* – ташкили шакли таълими фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Мавзӯи таҳқиқот* – асосҳои назариявӣ-методии ташкили омӯзиши фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият.

*Масъалаҳои таҳқиқот:*

1. Дар асоси ҳадафи таҳқиқот ва таҳлили амалияи муосири ТФ муайян

кардани намудҳои фаъолият ва танзими вазифаҳои асосии омӯзгор зимни фаъолияти ӯ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ.

2. Дар асоси таҳлили намудҳои фаъолияти омӯзгор дар НТФ таҳия намудани талаботи тахассусӣ ба салоҳиятнокии касбии омӯзгор, тарҳрезии феҳристи салоҳиятҳои омӯзгор барои кор кардан дар низоми ТФ.

3. Коркарди амсилаи курси таҳсили фосилавӣ ва барномаи таълимии курси такмили ихтисос аз ТИК бо дарназардошти салоҳиятҳои касбии омӯзгор.

4. Дар заминаи талаботи тахассусӣ ба салоҳиятнокии касбии омӯзгор кор карда баромадани супоришоти таълимии фосилавӣ аз соҳаи ТИК.

5. Дар заминаи барномаи курси такмили ихтисос ташкил ва баргузор намудани курсҳои фосилавии таҷрибавию озмоишии такмили ихтисос аз ТИК дар мавзӯи «Омодасозии омӯзгорон барои кор кардан дар низоми таҳсилоти фосилавӣ» барои омӯзгорон ва мутахассисони соҳавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгории кишвар.

*Усулҳои таҳқиқотро* ҳам усулҳои муносибати умумиилмӣ (назариявӣ, эмпирикӣ, системавӣ, комплексӣ, оморӣ, мантиқӣ, таҳлили санадҳо, стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ, хулосабарориҳои илмӣ, арзёбии экспертӣ, варақапуркунӣ, суҳбат, пурсиш, тестгузаронӣ, таҳлили нисбию муқоисавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, умумигардонии натиҷаҳо) ва ҳам усулҳои консептуалии педагогикаи муосир (контекстуалӣ, амсиласозӣ, босалоҳиятӣ, озмоиши компютерӣ, шахсиятию фаъолиятӣ) ташкил додаанд. Бо ёрии ин усулҳо аз соҳаҳои педагогика, методика, психология ва ғайра адабиёти илмӣ гирдоварӣ ва омӯхта шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ дар чанбаи низоми таҳсилоти фосилавӣ таҳлил гардида, масъалаҳои ташхисшаванда, обсерватсионӣ (мушоҳидавии мустақим, ғайримустақим, кӯтоҳмуддат, тӯлонӣ), экспериментали (озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда) ва нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии озмоишҳо муайян гардида, натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

*Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро* 5 муассисаи таълимӣ – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

*Саҳми шахсии довталаб* дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзӯӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва

хулосабарориҳои ҷамъбастии вобаста ба НТФ ифода ёфтааст. Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсияро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муаллиф шахсан амалӣ намудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим мебошанд, метавонанд дар рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола нуқсонҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Номи мавзӯъ, ки “Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон” мебошад бояд каме таҳлил ёбад .

2. Дар диссертатсия масъалаҳои таҳлили мавзӯъ аз тарафи олимон бисёр аст аз ин сабаб баъзе фикрҳои худи диссертантдар ин ҷо мавқеи худро гум кардааст.

3. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ – таҳқикотӣ ба меъёрҳоизабони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлои, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)» пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълим, информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби таҳқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии муассисаҳои

таълимӣ меорад, бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошанд, дар рушди методикаи таълими фанҳои технологияи иттилоотӣ ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияҳои амсиласозӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо дар мавзӯи омодасозии омӯзгорон барои фаъолият дар НТФ ва нашри маводи илмии таҳқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки пахнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Файзализода Баҳрулло Файзалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

Тақриз аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар семинари илмии васеъи кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода гардида, дар семинари кафедра аз 27 августи соли 2021 , бо протоколи № 1 тасдиқ гардидааст.

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ
ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — Исломов Озод Азимович

Имзои Исломов О.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кучаи. Мавлонбеков 1.
E-mail: hgu.tj